**В а з о р а т и   м о л и я и**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# Д а с т у р а м а л

дар бораи пардохти хароҷоти сафарҳои хизматии
хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоту
муассисаҳои давлатӣ ба кишварҳои хориҷӣ,
инчунин дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон

Душанбе-2015

**Барои истифодаи хизматӣ**

Тартибдиҳандагон: Одинаев Р.С.- Сардори Раёсати буҷети мақомоти ҳокимият ва идораи давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нуров Н. Ҳ.- Сардори шӯъбаи такмили сохтор ва назорат аз рӯи хароҷотҳои мақомоти идораи давлатии Раёсати буҷети мақомоти ҳокимият ва идораи давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

# М у н д а р и ҷ а


| №<br>р/т | Н о м г ӯ й | саҳифа |
|---|---|---|
| 1 | Сарсухан | 5 |
| 2 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008, № 531 (аз 3 июни соли 2014, №352) «Дар бораи пардохти хароҷоти сафарҳои хизматии хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ба кишварҳои хориҷӣ, инчунин дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон» | |
| 3 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2015, № 38 «Дар бораи Дастурамал оид ба тартиби пардохти хароҷоти сафарҳои хизматии хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ба кишварҳои хориҷӣ, инчунин дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон» | |

# С а р с у х а н

Дар доираи Барномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008, № 531 «Дар бораи пардохти хароҷоти сафарҳои хизматии хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ба кишварҳои хориҷӣ, инчунин дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон» диққати махсус дода мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пардохти хароҷоти сафарҳои хизматӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008, №531 «Дар бораи пардохти хароҷоти сафарҳои хизматии хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ба кишварҳои хориҷӣ, инчунин дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 1 январи соли 2009 мавриди амал қарор дорад. Новобаста аз он, ки аз соли 2009 то инҷониб нархи хизматрасониҳо ва маводи хӯрока ба маротиб афзуда бошад ҳам, аммо то имрӯз ба қарори мазкур тағйироти дахлдор ворид карда нашудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки индекси нархҳои истеъмолӣ дар соли 2013 дар муқоиса нисбат ба соли 2009 дар ҷумҳурӣ 3,7 фоиз ва дар миқёси давлатҳои хориҷӣ 7,3 фоиз афзудааст. Дар баробари ин дар ин давра музди миёнаи ҳармоҳаи номиналии меҳнат дуюним маротиба афзудааст, яъне аз 284 сомонӣ то ба 698 сомонӣ ва ҳадди ақали музди меҳнат аз 60 сомонӣ то ба 250 сомонӣ, яъне 4,16 маротиба афзудааст.

Имрӯз дар доираи тағйирёбии бозори молиявии ҷаҳонӣ, тағйир ёфтани нархҳои хизматрасонӣ дар меҳмонхонаҳо, баланд гардидани нархи молҳои истеъмолӣ ва дигарҳо зарурати ворид намудани тағйирот ба қарори мазкур дар доираи имкониятҳои молиявӣ зиёд намудани меъёрҳои пардохти сафарҳои хизматӣ ба миён омадааст.

Бинобар ин аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи банди 10 Нақшаи кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2014 лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008, № 531 «Дар бораи пардохти хароҷоти сафарҳои хизматии хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ба кишварҳои хориҷӣ, инчунин дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардида бо вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа карда шуда ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, ҷонибдорӣ шудааст.

Бояд қайд намуд, ки қарори мазкур ҷавобгӯи талаботи имрӯза буда дар он маблағи харҷи шабонарӯзӣ дар кишварҳои хориҷӣ нисбати соли

2008, ба ҳисоби миёна 10 фоиз, меъёри пардохти хароҷоти кироаи манзил бошад, ба ҳисоби миёна 8-9 фоиз зиёд гардидааст.

Дар дохили ҷумҳурӣ бошад, маблағи харҷи шабонарӯзӣ ба ҳисоби миёна 90 фоиз ва меъёри пардохти хароҷоти кироаи манзил ба ҳисоби миёна 80-100 фоиз зиёд гардидааст, ки он аз 1 январи соли 2015 мавриди амал қарор дода мешавад.

Ҳамзамон аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои банди 2 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, № 352 «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008, № 531 «Дар бораи пардохти хароҷоти сафарҳои хизматии хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ба кишварҳои хориҷӣ, инчунин дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қисми дуюми моддаи 118 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Дастурамал оид ба тартиби пардохти хароҷоти сафарҳои хизматии хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ба кишварҳои хориҷӣ, инчунин дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардида бо вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа карда шуда ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, ҷонибдорӣ шудааст.

Дастурамали мазкур барои истифодаи хизматии хизматчиёни давлатии мақомоти идораи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва ҳуқуқшиносону муҳосибони муассисаю ташкилотҳои давлатӣ, инчунин ташкилоту корхонаҳои худмаблағгузор новобаста аз шакли моликияташон пешбинӣ шудааст.

Бо эҳтиром,
Сардори Раёсати буҷети мақомоти
ҳокимият ва идораи давлатии
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Р.Одинаев

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Қ А Р О Р**

аз 31 октябри соли 2008 № 531

ш. Душанбе

Дар бораи пардохти хароҷоти сафарҳои хизматии хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ба кишварҳои хориҷӣ, инчунин дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи моддаи 118 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мақсади танзими пардохти хароҷоти сафарҳои хизматии хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1.Аз 1 январи соли 2009 меъёри пардохти хароҷоти кирояи манзил дар давлатҳои хориҷа ҳангоми сафарҳои хизматӣ барои :

а) раисони Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи хароҷоти воқеӣ;

б) аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ ва роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ёрдамчиёни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Котиби Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, раисони вилоятҳо ва шаҳри Душанбе аз рӯи хароҷоти воқеӣ, вале на зиёда аз меъёри пардохти дар замима пешбинишуда дар як шабонарӯз;

в) дигар хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ аз рӯи хароҷотҳои воқеъӣ, вале на зиёда аз меъёри пардохти дар замимаи пешбинишуда дар як шабонарӯз.

2. Муқаррар карда шавад, ки хароҷоти роҳкиро ба кишварҳои хориҷаи дур ва наздик бо дарназардошти фармоиши пешакӣ брон кардан, барои шахсоне, ки дар зербанди (а) банди 1 қарори мазкур зикр ёфта, аз рӯи меъёрҳои класси якум ё бизнес-класс, зербанди (б) аз рӯи меъёрҳои бизнес-класс ва зербанди (в) аз рӯи меъёрҳои эконом-класс пардохт мешаванд.

3. Маблағи харҷи шабонарӯзӣ барои шахсони дар сафари хизматӣ буда, ки дар зербанди (а) ва (б) банди 1 ҳамин қарор муайян карда шудаанд, дар хаҷми 65 доллари ШМА ва барои хароҷотҳои ғайричашмдошт боз 20 фоизи меъёри харҷи шабонарӯзӣ, барои ҳар як шабонарӯз, зербанди (в) банди 1 қарори мазкур – 55 доллари ШМА барои ҳар як шабонарӯз муқаррар карда шавад.

4. Пардохти хароҷоти сафари хизматӣ дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ чунин муқаррар карда шавад:

- кирояи манзил барои шахсони дар зербандҳои (а) ва (б) банди 1 ҳамин қарор нишондодашуда дар шаҳри Душанбе дар хаҷми то 200 сомонӣ, дар маркази вилоятҳо ва шаҳрҳои Чкалов, Исфара, Истаравшан, Панҷакенти вилояти Суғд, шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон ва шаҳри Турсунзода то 150 сомонӣ, дар маркази дигар шаҳрҳо ва ноҳияҳо то 100 сомонӣ ва барои шахсони дар зербанди (в) зикргардида дар шаҳри Душанбе то 120 сомонӣ, дар маркази вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо то 80 сомонӣ ва дигар маҳалҳои аҳолинишин барои ҳамаи шахсони дар сафари хизматӣ буда то 40 сомонӣ дар як шабонарӯз;

- роҳкиро дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда пардохт карда мешавад.

Дар ҳолати набудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда хароҷоти кирояи манзилгоҳ ва роҳкиро ба андозаи 50 фоизи меъёри муқарраргардида пардохт карда мешавад.

5. Арзиши хароҷоти шабонарӯзӣ ҳангоми сафари хизматӣ дар шаҳри Душанбе, маркази вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ба шахсони дар зербандҳои (а) ва (б) банди 1 қарори мазкур зикргардида дар хаҷми – 50 сомонӣ зербанди (в) банди 1 ҳамин қарор 40 сомонӣ ва дигар нуктаҳои аҳолинишин 30 сомонӣ муқаррар карда шавад.

Ба шахсони дар сафари хизматӣ буда, пардохти харҷи шабонарӯзӣ ва кирояи манзил дар ҳолате пардохт мегардад, ки маҳалли сафари хизматӣ аз ҷои кори доимӣ дар масофаи на кам аз 30 километр дуртар ҷойгир шуда бошад. Пардохти роҳкиро бошад бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда, аз рӯи варақаи сафари хизматӣ пардохт карда мешавад.

Ба шунавандагоне, ки барои таҳсил ба курсҳои такмили ихтисос берун аз кор фиристода мешаванд, дар дохили ҷумҳурӣ барои ҳар як рӯз дар давоми як моҳ ба андозаи 30 сомонӣ хароҷоти шабонарӯзӣ дода мешавад.

6. Муқаррар карда шавад, ки баъди бозгашт аз сафари хизматӣ хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ба шӯъбаи муҳосибот ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи хароҷоти воқеиро оид ба пардохти кирояи манзил ва роҳкиро пешниҳод менамоянд. Дар ҳолати набудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда маблағи кирояи манзил ва роҳкиро (ба истиснои роҳкирои нақлиёти автомобилӣ) дар ҳаҷми 50 фоизи меъёри муқарраргардида ҷуброн карда мешавад.

7. Коргарон, мутахассисон ва роҳбароне, ки барои иҷрои корҳои насбу васлкунӣ ва сохтмонӣ ба сафари хизматӣ фиристода мешаванд, ҳангоми иштирок дар корҳои истеҳсолӣ ба ҷойи хароҷоти шабонарӯзӣ аз рӯи ҳаҷми муқарраргардидаи зербанди (в) банди 5 қарори мазкур пардохт карда мешавад.

Андозаи изофапулӣ, ки барои иҷрои корҳои хусусиятҳои сайёрӣ, вахтавӣ, шароити саҳрои дошта дода мешавад, дар ҳамаи ҳолатҳо аз 30 сомонӣ камтар буда наметавонад. Мӯҳлати сафари хизматии коргарон, мутахассисон ва роҳбароне, ки барои иҷрои корҳои насбу васлкунӣ ва сохтмонӣ фиристода мешаванд, набояд аз як сол зиёд бошад.

8. Муқаррар карда шавад, ки корхонаю, муассисаҳои худмаблағгузор новобаста аз шакли моликияташон ба арзиши маҳсулот (кор, хизматрасонӣ) хароҷотҳои сафари хизматиро, ки дар банди 1 зербанди (в) қарори мазкур муайян карда шудааст, дохил карда метавонад.

9. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷрои қарори мазкур лоиҳаи Дастурамал дар бораи пардохти хароҷоти сафарҳои хизматии хизматчиёни давлатӣ ва кормандони корхонаҳо, идораҳо ва муассисаҳои давлатӣ ба мамлакатҳои хориҷаи дуру наздик, инчунин дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия карда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

10. Қарорҳои зерини Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз эътибор соқит дониста шаванд:

- аз 28 феврали соли 2003, №75 «Дар бораи пардохти хароҷоти сафарҳои хизматии хизматчиёни давлатӣ ва кормандони корхонаҳо, идораҳо ва муассисаҳои давлатӣ ба мамлакатҳои хориҷаи дуру наздик, инчунин дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- банди 4 қарор аз 13 майи соли 2003, №213 «Дар бораи ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба баъзе қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

Замима
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 3 июни соли 2014, № 352

Меъёри
пардохти хароҷоти кирояи
манзил дар кишварҳои хориҷӣ

Бо доллари ШМА

| № р/т | Номгӯи давлатҳо | Меъёри пардохти хароҷоти кирояи манзил | |
|---|---|---|---|
| | | Арзиши ҳуҷраи яккасаи меҳмонхона барои шахсони дар зербанди б) банди 1 қарор зикргардида | Арзиши ҳуҷраи яккасаи меҳмонхона барои шахсони дар зербанди в) банди 1 қарор зикргардида |
| 1 | Афғонистон - Кобул | 140 | 100 |
| | дигар шаҳрҳо | 80 | 60 |
| 2 | Албания - Тирана | 140 | 100 |
| | дигар шаҳрҳо | 80 | 60 |
| 3 | Австрия - Вена | 250 | 200 |
| | дигар шаҳрҳо | 180 | 140 |
| 4 | Австралия - Камберра | 250 | 200 |
| | дигар шаҳрҳо | 180 | 140 |
| 5 | Алҷазоир – Алҷазоир | 200 | 160 |
| | дигар шаҳрҳо | 100 | 80 |
| 6 | Ангола - Луанда | 160 | 130 |
| 7 | Андорра - Андора-ла-Веля | 145 | 95 |
| 8 | Антигула ва Барбуда | 150 | 110 |
| 9 | Аргентина - Буэнос- Айрес | 220 | 200 |
| | дигар шаҳрҳо | 130 | 100 |
| 10 | Арманистон - Ереван | 150 | 120 |
| | дигар шаҳрҳо | 130 | 100 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 11 | Озарбойҷон - Боку | 220 | 200 |
| | дигар шаҳрҳо | 140 | 120 |
| 12 | Болгария - София | 220 | 200 |
| | дигар шаҳрҳо | 140 | 110 |
| 13 | Босния ва Герсеговин - Сараево | 140 | 110 |
| | дигар шаҳрҳо | 100 | 80 |
| 14 | Ҷазираҳои Багам<br>Багамские острова - Нассау | 140 | 110 |
| 15 | Бангладеш – Дакка | 140 | 110 |
| | дигар шаҳрҳо | 80 | 60 |
| 16 | Барбадос - Бричтаун | 140 | 100 |
| | дигар шаҳрҳо | 100 | 80 |
| 17 | Баҳрейн - Манама | 220 | 160 |
| | дигар шаҳрҳо | 180 | 130 |
| 18 | Белиз - Белмопан | 120 | 100 |
| | дигар шаҳрҳо | 100 | 80 |
| 19 | Бенин - Порто - Ново | 140 | 100 |
| | дигар шаҳрҳо | 100 | 70 |
| 20 | Ҷазираҳои Бермуд | 250 | 180 |
| 21 | Боливия - Ла-Пас | 140 | 100 |
| 22 | Ботсвана - Габеронес | 120 | 80 |
| 23 | Бразилия - Бразилия | 220 | 160 |
| 24 | Бруней - Бандар-Сери-Бегеван | 180 | 140 |
| | дигар шаҳрҳо | 120 | 80 |
| 25 | Буркина Фасо - Уагадугу | 150 | 120 |
| 26 | Бурунди - Бужумбура | 150 | 120 |
| 27 | Белгия - Брюссел | 220 | 180 |
| | дигар шаҳрҳо | 180 | 120 |
| 28 | Беларус - Минск | 200 | 150 |
| | дигар шаҳрҳо | 120 | 100 |
| 29 | Британияи Кабир - Лондон | 250 | 220 |
| | дигар шаҳрҳо | 200 | 160 |
| 30 | Вануату – Вила | 180 | 150 |
| | дигар шаҳрҳо | 100 | 80 |
| 31 | Венесуэла - Каракас | 220 | 180 |
| | дигар шаҳрҳо | 120 | 100 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 32 | Венгрия - Будапешт | 200 | 150 |
| 33 | Самоаи Шарқӣ | 150 | 100 |
| 34 | Ветнам – Ханой | 200 | 170 |
| | дигар шаҳрҳо | 100 | 80 |
| 35 | Юнон - Афина | 250 | 200 |
| 36 | Габон - Либревил | 170 | 140 |
| | дигар шаҳрҳо | 100 | 80 |
| 37 | Гаити - Порто-о-Пренс | 120 | 100 |
| 38 | Гайана - Ҷорҷтаун | 120 | 100 |
| 39 | Гамбия - Банжул | 120 | 100 |
| | дигар шаҳрҳо | 80 | 60 |
| 40 | Гана - Аккара | 120 | 100 |
| | дигар шаҳрҳо | 90 | 60 |
| 41 | Гватемала - Гватемала | 120 | 100 |
| 42 | Гвинея - Конакри | 120 | 100 |
| 43 | Гвинея Бисау - Бисау | 120 | 100 |
| 44 | Гибралтар | 120 | 100 |
| 45 | Гондурас - Тегусигалпа | 120 | 100 |
| 46 | Гонконг | 250 | 160 |
| 47 | Гренада - Сент- Чорчес | 160 | 120 |
| 48 | Гурҷистон – Тифлис | 220 | 150 |
| | дигар шаҳрҳо | 110 | 80 |
| 49 | Германия - Берлин, Бонн | 250 | 220 |
| | дигар шаҳрҳо | 180 | 120 |
| 50 | Ҷибути - Ҷибути | 140 | 100 |
| 51 | Ҷумҳурии Доминикан - Санто -Доминго | 150 | 100 |
| 52 | Дания - Копенгаген | 220 | 150 |
| 53 | Ирландия - Дублин | 240 | 160 |
| | дигар шаҳрҳо | 140 | 100 |
| 54 | Исландия - Рейкявик | 200 | 120 |
| | дигар шаҳрҳо | 120 | 100 |
| 55 | Испания - Мадрид | 220 | 170 |
| | дигар шаҳрҳо | 160 | 130 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 56 | Исроил - Тел-авив | 240 | 200 |
| | дигар шаҳрҳо | 200 | 150 |
| 57 | Ҳиндустон - Дели | 250 | 210 |
| | дигар шаҳрҳо | 160 | 120 |
| 58 | Индонезия - Ҷакарта | 200 | 150 |
| | дигар шаҳрҳо | 150 | 100 |
| 59 | Иордания - Уммон | 200 | 170 |
| 60 | Ироқ – Бағдод | 180 | 150 |
| 61 | Эрон - Теҳрон | 200 | 150 |
| 62 | Яман - Сана | 180 | 120 |
| 63 | Италия - Рим | 350 | 220 |
| | дигар шаҳрҳо | 230 | 160 |
| 64 | Зоир | 140 | 110 |
| 65 | Замбия - Лусака | 180 | 130 |
| 66 | Ҳудудҳои Замор (Заморские территории) | 150 | 110 |
| 67 | Зимбабве - Хараре | 160 | 120 |
| 68 | Миср – Кохира | 160 | 120 |
| 69 | Канада – Оттава | 240 | 180 |
| | дигар шаҳрҳо | 150 | 120 |
| 70 | Кабо-Верде - Прая | 150 | 100 |
| 71 | Ҷазираҳои Кайман | 200 | 150 |
| 72 | Камбоҷа - Пномпен | 170 | 140 |
| 73 | Камерун - Яунде | 180 | 150 |
| | дигар шаҳрҳо | 100 | 80 |
| 74 | Кампучия | 170 | 110 |
| 75 | Қатар - Доха | 230 | 150 |
| 76 | Кения - Найроби | 180 | 130 |
| 77 | Кипр - Никосия | 220 | 150 |
| 78 | Хитой - Пекин | 180 | 130 |
| | дигар шаҳрҳо | 110 | 90 |
| 79 | Колумбия - Богота | 170 | 120 |
| 80 | Ҷазираҳои Камор - Морни | 120 | 100 |
| 81 | Конго - Браззавил | 150 | 120 |
| 82 | Коста Рика - Сан-Хосе | 160 | 120 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 83 | Кот Дивуар - Ямусукро | 120 | 100 |
| 84 | Куба - Гавана | 180 | 120 |
| 85 | Қувайт - Ал-Қувайт | 220 | 150 |
| 86 | Қирғизистон - Бишкек | 170 | 140 |
| | дигар шаҳрҳо | 80 | 60 |
| 87 | Қазокистон - Остона, Алмаато | 200 | 160 |
| | дигар шаҳрҳо | 130 | 100 |
| 88 | ҶХД Корея - Пхенян | 180 | 120 |
| 89 | Лихтенштейн – Вадутс | 150 | 120 |
| 90 | Люксембург - Люксембург | 200 | 160 |
| 91 | Латвия – Рига | 180 | 120 |
| | дигар шаҳрҳо | 130 | 100 |
| 92 | Литва – Вилнюс | 180 | 120 |
| | дигар шаҳрҳо | 130 | 100 |
| 93 | Лаос – Вентян | 150 | 100 |
| 94 | Лесото – Масеру | 110 | 80 |
| 95 | Либерия – Монровия | 150 | 110 |
| 96 | Лубнон - Бейрут | 160 | 130 |
| 97 | Ливия - Триполи | 170 | 120 |
| 98 | Македония - Скопе | 170 | 120 |
| 99 | Маврикий - Порт-Луи | 160 | 120 |
| 100 | Мавритания - Нуакшот | 150 | 120 |
| 101 | Мадагаскар - Антананариву | 150 | 120 |
| 102 | Макао | 150 | 120 |
| 103 | Малави - Лилонгве | 140 | 100 |
| 104 | Малайзия - Куала-Лумпур | 140 | 100 |
| 105 | Мали – Бамако | 140 | 100 |
| 106 | Молдивҳо – Мале | 160 | 120 |
| 107 | Малта – Валетта | 200 | 140 |
| 108 | Сан-Марино - Сан-Марино | 140 | 100 |
| 109 | Мароккаш -Работ | 200 | 140 |
| 110 | Мексика - Мехико | 200 | 140 |
| 111 | Мозамбик - Мапуту | 180 | 120 |
| 112 | Монако - Монако | 150 | 120 |
| 113 | Муғулистон - Улан-Батор | 140 | 100 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 114 | Мянма - Янгон (Рангон) | 110 | 90 |
| 115 | Молдавия - Кишинёв | 200 | 140 |
| | дигар шаҳрҳо | 120 | 100 |
| 116 | Нидерланд - Амстердам | 220 | 150 |
| 117 | Норвегия - Осло | 210 | 140 |
| 118 | Намибия - Виндхук | 110 | 80 |
| 119 | Непал - Катманду | 140 | 100 |
| 120 | Нигер - Ниамей | 150 | 120 |
| 121 | Нигерия - Абуча | 180 | 120 |
| 122 | Никарагуа - Манагуа | 150 | 100 |
| 123 | Зеландияи Нав - Веллингтон | 200 | 140 |
| 124 | О.Палау - Корор | 160 | 120 |
| 125 | Умон - Маскат | 160 | 120 |
| 126 | АМА - Абузабӣ | 160 | 100 |
| 127 | Покистон - Исломобод | 200 | 140 |
| | дигар шаҳрҳо | 120 | 80 |
| 128 | Панама - Панама | 160 | 120 |
| | дигар шаҳрҳо | 80 | 60 |
| 129 | Папуа - Гвинеяи Нав - Порт - Морсби | 150 | 110 |
| 130 | Парагвай - Асунсон | 120 | 90 |
| 131 | Перу - Лима | 150 | 110 |
| 132 | Пуэрто-Рико | 170 | 120 |
| 133 | Португалия - Лиссабон | 200 | 150 |
| 134 | Полша - Варшава | 200 | 150 |
| 135 | Руанда - Кигали | 150 | 110 |
| 136 | Румыния - Бухарест | 200 | 150 |
| 137 | Россия - Москва, С.Петербург | 300 | 200 |
| | дигар шаҳрҳо | 150 | 110 |
| 138 | Салвадор - Сан-Салвадор | 170 | 120 |
| 139 | Самоа - Апиа | 120 | 80 |
| 140 | Сан-Томе и Принсипи -Сан-Томе | 160 | 120 |
| 141 | Арабистони Саудӣ – Арриёз | 150 | 110 |
| 142 | Свазиленд - Мбабане | 150 | 110 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 143 | Ҷазираҳои Сейшел - Виктория | 150 | 110 |
| 144 | Сент-Люсия - Кастри | 150 | 110 |
| 145 | Сурия –Димишқ | 220 | 150 |
| 146 | Ҷазираи Саломон - Хониара | 120 | 90 |
| 147 | Сомалӣ – Могадишо | 140 | 100 |
| 148 | Судон – Хартум | 160 | 120 |
| 149 | Суринам - Парамарибо | 120 | 90 |
| 150 | Серра-Леоне - Фритаун | 140 | 100 |
| 151 | Сенегал – Дакар | 170 | 120 |
| 152 | Сербия ва Черногория - Белград | 220 | 150 |
| 153 | Сингапур – Сингапур | 200 | 140 |
| 154 | Словакия - Братислава | 220 | 150 |
| 155 | Словения – Любляна | 200 | 140 |
| 156 | ШМА - Вашингтон, Ню-Йорк | 300 | 240 |
| | дигар шаҳрҳо | 200 | 150 |
| 157 | Туркия – Анқара | 200 | 150 |
| | дигар шаҳрҳо | 160 | 120 |
| 158 | Тайланд - Бангкок | 200 | 150 |
| 159 | Тайван - Тайбэй | 160 | 120 |
| 160 | Танзания - Додома | 140 | 100 |
| 161 | Того - Ломе | 160 | 120 |
| 162 | Тонга - Нукуалофа | 120 | 90 |
| 163 | Тринидад ва Тобаго - Порт-оф-Спейн | 170 | 120 |
| 164 | Тунис - Тунис | 140 | 100 |
| 165 | Туркманистон - Ашқобод | 200 | 120 |
| | дигар шаҳрҳо | 100 | 60 |
| 166 | Уганда - Кампала | 170 | 120 |
| 167 | Уругвай - Монтевидио | 150 | 100 |
| 168 | Ӯзбекистон - Тошкент, Самарканд, Бухоро | 200 | 120 |
| | дигар шаҳрҳо | 100 | 60 |
| 169 | Украина - Киев, Одесса | 220 | 120 |
| | дигар шаҳрҳо | 140 | 100 |
| 170 | Фиҷи - Сува | 170 | 120 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 171 | Филиппин - Манила | 180 | 120 |
| 172 | Франсия - Париж | 250 | 160 |
| 173 | Финляндия - Хелсинки | 200 | 140 |
| 174 | Чад - Нҷамена | 150 | 100 |
| 175 | Чили - Сантго | 200 | 140 |
| 176 | Чехия - Прага | 220 | 140 |
| 177 | Шри-Ланка - Коломбо | 140 | 100 |
| 178 | Швейтсария - Берн | 220 | 150 |
| 179 | Шветсия - Стокголм | 220 | 150 |
| 180 | Эфиопия - Аддис -Абеба | 170 | 110 |
| 181 | Эквадор - Кито | 140 | 100 |
| 182 | Гвинеяи экваторӣ - Малабо | 140 | 100 |
| 183 | Эстония - Таллин | 220 | 140 |
| 184 | Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ - Претория | 170 | 110 |
| 185 | Кореяи Ҷанубӣ - Сеул | 230 | 150 |
| 186 | Хорватия - Загреб | 200 | 140 |
| 187 | Япония - Токио | 240 | 160 |
| 188 | Ямайка - Кингстон | 180 | 120 |

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҚАРОР

аз 31 январи соли 2015 №38

ш.Душанбе

Дар бораи Дастурамал оид ба тартиби пардохти харочоти сафарҳои хизматии хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ба кишварҳои хориҷӣ, инчунин дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи моддаи 118 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бомақсади танзими пардохти харочоти сафарҳои хизматии хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Дастурамали замимагардида дар бораи тартиби пардохти харочоти сафарҳои хизматии хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ба кишварҳои хориҷӣ, инчунин дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.

2. Қарorимазкур аз 1 январи соли 2015 мавриди амал қарор дода шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

Бо қарори
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 31 январи соли 2015, №38
тасдиқ шудааст

# Д а с т у р а м а л
## дар бораи тартиби пардохти хароҷоти сафарҳои хизматии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ба кишварҳои хориҷӣ, инчунин дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дастурамали мазкур ҷиҳати иҷрои банди 2 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №352 «Дар бораи ворид намудани тағийрот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008, №531 «Дар бораи пардохти хароҷоти сафарҳои хизматии хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ба кишварҳои хориҷӣ, инчунин дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия карда шуда, тартиб ва мақсади татбиқи пардохти хароҷоти сафарҳои хизматиро муайян менамояд.

1. Сафари корманд бо амри роҳбари мақомоти давлатӣ, муассиса, ташкилот, иттиҳодия ва корхона ба мӯҳлати муайян ба ҷои дигар барои иҷрои супориши хизматӣ берун аз ҷои кори доимӣ сафари хизматӣ эътироф карда мешавад.

2. Дар ҳолатҳое, ки филиалҳо, намояндагиҳо ва дигар ҷузъҳои ба таркиби мақомоти давлатӣ, муассиса, ташкилот, иттиҳодия, корхона дохилшаванда дар ҷои дигар воқеъ гардидаанд, ҷои кори доимӣ ҳамон ҷузъи истеҳсолӣ ҳисобида мешавад, ки кор дар он бо шартномаи меҳнатӣ пешбинӣ карда шудааст.

3. Сафарҳои хизматии кормандоне, ки кори доимии онҳо дар роҳ мегузарад ё хусусияти рафту омад ё сайёр дорад, сафари хизматӣ ҳисобида намешавад.

4. Аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якум ва муовини Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ ва Роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ёрдамчиёни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Котиби Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокурори генералии Ҷумҳурии

Тоҷикистон, раисони Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, раисони вилоятҳо ва шаҳри Душанбеба сафарҳои хизматӣ бо иҷозати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

5. Муовинони вазирон, муовинони раисони кумитаҳои давлатӣ ва раисон ва муовинони раисони кумитаҳо, агентию хадамот, роҳбарони идораҳо, муассисаҳои давлатӣ ва ташкилотҳои дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ метавонанд бо иҷозати Сарвазири ҷумҳурӣ, ки бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа шудааст, ба хориҷи ҷумҳурӣ ба сафари хизматӣ раванд ва дар дохили ҷумҳурӣ бошад,бо иҷозати роҳбарони сохторҳои мақомоти дахлдор амалӣ мегардад.

6. Судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд ба хориҷи ҷумҳурӣ бо розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сафари хизматӣ раванд.

7. Роҳбарони муассисаҳо, ташкилотҳои давлатӣ ва корхонаҳо, ки дар сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудаанд, бо иҷозати роҳбарони мақомоти болоӣ, ки мутобиқан бо раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо мувофиқа шудааст, ба сафарҳои хизматӣ рафта метавонанд.

8. Кормандони муассисаҳо, ташкилотҳо, иттиҳодияҳо, корхонаҳо, аз ҷониби роҳбарони ин муассисаҳо, ташкилотҳо, иттиҳодияҳо ва корхонаҳо дар асоси фармон (амр) ба сафарҳои хизматӣ фиристода мешаванд.

9. Сафарҳои хизматии кормандон ба мақомоти болоӣ бо тартиби тобеият бо даъвати роҳбари ин мақомот ё бо мувофиқаи ӯ сурат мегирад.

10. Корманд ба сафари хизматӣ ба мақомоти болоӣ бо тартиби тобеият аз ҷониби роҳбари ин мақомот ба таври хаттӣ даъват (мувофиқа) карда мешавад.

11. Сафари хизматӣ тибқи фармон (амр) бо нишон додани маҳалли таъиншуда, номи мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳо, иттиҳодия ва корхона дар асоси фармон (амр) ба сафарҳои хизматӣ фиристода

мешаванд, мӯҳлат ва мақсади сафари хизматӣ ба расмият дароварда мешавад.

12. Фармон (амр) дар бораи ба сафари хизматӣ фиристодани корманд дар ҳолатҳое, ки корманд дар худи ҳамон рӯзи аз сафари хизматӣ ба ҷои кори доимӣ баргашта ояд шаҳодатномаи сафарихизматӣ ба ғайр аз сафари хизматии хориҷӣ дода намешавад.

13. Ба корманде, ки ба сафари хизматӣ меравад, шаҳодатномаи сафари хизматӣ дода мешавад, ки онро роҳбари мақомоти давлатӣ, муассиса, ташкилот, иттиҳодия ва корхона имзо мегузоранд.

14. Мӯҳлати воқеии дар ҷои сафари хизматӣ будан аз рӯи қайдҳои дар шаҳодатномаи сафари хизматӣ гузошташудаи рӯзи омадану рӯзи баргаштан аз сафари хизматӣ муайян карда мешавад. Агар корманд ба маҳалҳои гуногуни аҳолинишин ба сафари хизматӣ фиристода шуда бошад, қайд дар бораи рӯзи омадан ва рӯзи рафтан дар ҳар маҳал гузошта мешавад. Дар ҳолати сафари хизматӣ ба хориҷа дар шаҳодатномаи сафари хизматӣ қайдҳои рӯзи рафтан ва омадан аз сафари хизматӣ гузошта нашуда бошад, дар ин сурат мӯҳлати сафари хизматӣ мувофиқи қайдҳои дар шиносномаи шахсии корманд бо дарназардошти санаи чиптаҳои роҳкиро қайди мақомоти сарҳадот оид ба рӯзи баромадан ва ворид гаштан муайян карда мешавад.

15. Ба сафари хизматӣ рафтану аз сафари хизматӣ баргаштани корманд дар дафтарҳои махсусе, ки дар дастурамали мазкур замима гардидаанд, қайд карда мешавад.

16. Ба корманде, ки ба сафари хизматӣ фиристода мешавад ҷои кор (вазифа) ва музди меҳнат бо ҳамаи иловапулиҳояш дар вақти дар сафари хизматӣ будани корманд аз рӯи басти вазифаҳо дар ҷои кори доимӣ муқарраргардида нигоҳ дошта мешавад.

17. Ҳангоми дар сафари хизматӣ будани шахсе, ки дар ду ҷой кор мекунад, музди меҳнат бо ҳамаи иловапулиҳояш дар ҳамон муассиса, ташкилот, иттиҳодия, корхонае нигоҳ дошта мешавад, ки ӯро ба сафари хизматӣ фиристодааст.

18. Музди меҳнат ба корманди ба сафари хизматӣ рафта бо хоҳиши ӯ аз ҳисоби мақомоти давлатӣ, муассиса, ташкилот, иттиҳодия, корхонае, ки ба сафари хизматӣ рафтааст, фиристода мешавад.

19. Дар сурати дар як вақт аз ҷои кори асосӣ ва кори дуюм ба сафари хизматӣ фиристодани корманд музди меҳнат бо ҳамаи иловапулиҳояш аз рӯи ҳар ду вазифа нигоҳ дошта шуда, хароҷоти сафари хизматӣ дар байни мақомоти ба сафари хизматӣ фиристонанда ва мақомоти дигар мувофиқи созиши байни онҳо тақсим карда мешавад.

20. Дар ҳолати корношоямии муваққатии корманди ба сафари хизматӣ фиристодашуда, ба ӯ дар асоси умумӣ маблағи хароҷоти шабонарӯзӣ (иловапулӣ ба музди меҳнат) пардохт гардида, инчунин хароҷоти кирояи манзили зист (ба ғайр аз ҳолатҳои дар табобати статсионарӣ ва амбулаторӣ будани корманди ба сафари хизматӣ фиристодашуда) дар давоми тамоми вақт пардохт карда мешавад, то он вақте, ки ӯ бинобар вазъи саломатӣбарои шурӯъ намудан ба иҷрои супориши хизматии ба ӯ гузошташуда ё ба маҳалли истиқоматии доимиаш баргаштан имкон надорад, аммо на бештар аз ду моҳ.

21. Корношоямии муваққатии корманди ба сафари хизматӣ рафта, инчунин бинобар аҳволи саломатӣ ба ҷои истиқоматии доимӣ баргашта натавонистани ӯ бояд бо тартиби муқарраргардида бо пешниҳоди варақаи беморӣ тасдиқ карда шавад.

22. Дар давраи корношоямии муваққатӣ ба корманди ба сафари хизматӣ рафта ба ҷои музди меҳнат дар асоси умумӣ кӯмакпулии корношоямии муваққатӣ дода мешавад. Рӯзҳои корношоямии муваққатӣ ба мӯҳлати сафари хизматӣ дохил карда намешаванд.

23. Ба хизматчиёну коргароне, ки дар сафари хизматианд, низоми вақти корӣ ва вақти истироҳати ҳамон мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳо, иттиҳодияҳо, корхонаҳое, ки онҳо ба сафари хизматӣ фиристода шудаанд, паҳн мегардад. Ба ивази рӯзҳои истироҳате, ки дар вақти сафари хизматӣ истифода набурдаанд, баъди бозгашт аз сафари хизматӣ дигар рӯзҳои истироҳат дода намешавад.

24. Агар корманд барои кор дар рӯзҳои истироҳат ё рӯзҳои ид махсус ба сафари хизматӣ фиристода шуда бошад, мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кор дар ин рӯзҳо, ҷуброн дода мешавад.

25. Дар сурати дар рӯзи истироҳат бо амри маъмурият ба сафари хизматӣ фиристодани корманд баъди бозгашт аз сафари хизматӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ӯ рӯзи дигари истироҳат дода мешавад. Ҳангоми ба ҷои кори доимӣ то ба охир расидани рӯзи кори баргаштани корманд масъалаи вақти ба кор ҳозир шудани ӯ дар ҳамон рӯз тибқи созиш бо маъмурият ҳал карда мешавад.

26. Ба корманди ба сафари хизматӣ раванда пеш аз рафтан ба сафари хизматӣ дар доираи ҳаҷми маблағе, ки барои хароҷоти роҳкиро, хароҷоти шабонарӯзӣ ва кирояи манзили зист дар доираи меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешмузд дода мешавад. Корманд дар давоми 3 рӯзи баъди баргаштан аз сафари хизматӣ бояд дар бораи натиҷаҳои сафари хизматӣ гузориши хаттӣ ва

дар бораи маблағи харҷшудаи вобаста ба сафари хизматӣ ҳисоботи пешмуздӣ пешниҳод намояд. Ба ҳисоботи пешмуздӣ шаҳодатномаи сафари хизматӣ бо қайдҳои оид ба вақти рафтан ба сафари хизматӣ, расидан ба маҳалли таъиншуда, рафтан аз он ҷо ва омадан ба ҷои кори доимӣ, ҳуҷҷатҳои кирояи манзили зист ва хароҷоти воқеии роҳкиро ҳамроҳ карда мешавад.

27. Роҳбарияти мақомоти давлатӣ, муассиса, ташкилот, иттиҳодия, корхона вазифадор аст, на дертар аз 5 рӯз оид ба гузориш ва ҳисоботи корманди ба сафари хизматӣ фиристодашуда, қарор қабул намояд.

28. Рӯзи ба роҳ баромадани қатора, автобус ё дигар воситаи нақлиёт аз ҷои кории доимии шахси ба сафари хизматӣ рафта рӯзи ба сафари хизматиравӣ, рӯзи ба ҷои кори доимӣ омадани нақлиёти мазкур, рӯзи омадан ҳисобида мешавад. Дар сурати то соати 24 ба роҳ даромадани нақлиёт якҷоя бо рӯзи рафтан шабонарӯзҳои ҷорӣ ва аз соати 00 ва дертар шабонарӯзҳои баъдина шуморида мешавад.

29. Агар истгоҳи ба роҳ баромадани қатора, бандар ё фурудгоҳ берун аз ҳудуди маҳалли аҳолинишин воқеъ шуда бошанд, вақти зарурӣ барои то истгоҳ, бандар, фурудгоҳ расидан ба ҳисоб гирифта мешавад.

30. Мӯҳлати сафари хизматии кормандонро роҳбарияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳо, иттиҳодияҳо ва корхонаҳо муайян мекунанд, аммо он аз 30 рӯзи тақвимӣ зиёд буда наметавонад, бидуни ҳисоби вақти роҳ.

31. Сафари хизматӣ ба хориҷа аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ барои хизматчиёни давлатии мақомоти давлатӣ ва кормандони дигар муассисаҳо ва ташкилотҳое, ки аз Буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби буҷети давлатӣ сурат мегирад.

32. Барои пардохти хароҷоти сафари хизматии хориҷӣ пеш аз сафари хизматии корманд аз ҷониби мақомоти идораи давлатии дахлдор пешниҳод оид ба ҳисоботи пешмузд ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда на дертар аз 3 то 5 рӯз ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

33. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи тартиби муқарраргардида маблағҳои сафари хизматиро ҳисобӣ намуда ба воситаи мақомоти идораи давлатии дахлдор маблағгузорӣ менамоянд.

34. Ба амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сафари хизматӣ ба хориҷа даъватномаи расмӣ замима карда мешавад, ки дар он шартҳои мушаххасӣ буду бош дар кишварҳои даъваткунанда зикр карда мешавад.

35. Маблағҳои истифода нашудаи боқимондаи сафари хизматӣ мутобиқи ҳисоботи пешмуздии пешниҳодшуда ба хазинаи мақомоти идораи давлатии дахлдор (ҷои кори асосӣ) баргардонида мешавад.

36. Ҳисоботи хароҷоти сафари хизматӣ тибқи меъёрҳои муқарраргардидаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008, № 531 сурат мегирад.

37. Дар вақти дар сафари хизматии хориҷӣ будан маблағи хароҷоти шабонарӯзӣ, ҷуброни хароҷоти роҳкиро фармони пешакии ҳуҷҷатҳои роҳ, хароҷоти вобаста ба истифодаи хизмати толорҳои ҳайатҳои вакилони расмӣ (VIP) барои шахсони дар банди 1 зербанди «а» ва «б» қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008, №531 зикр гардидаанд, хароҷоти хизматрасонии пулакӣ дар фурудгоҳ, раводиди рафту омад, хароҷоти кирояи манзили зист, хароҷоти вобаста ба хизмати алоқа, хароҷоти нақлиёти дохили мамлакат, хароҷоти намояндагӣ пардохт карда мешавад.

38. Ҳангоми сафари хизматии хизматчиёни давлатии мақомоти идораи давлатӣ ва кормандони дигар муассисаҳо ва ташкилотҳое, ки аз ҳисоби Буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, ба кишварҳои хориҷӣ, хароҷоти кирояи манзили зист (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки ба шахси ба сафари хизматӣ рафта манзили зист бепул таъмин карда мешавад) дар ҳаҷмҳои зерин пардохт карда мешавад:

а) раисони Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон – аз рӯи хароҷоти воқеӣ;

б) аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якум ва муовини Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ ва Роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ёрдамчиёни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Котиби Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, раисони вилоятҳо ва шаҳри Душанбе аз рӯи хароҷотҳои воқеӣ, вале на зиёда аз меъёри пардохти дар замимаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008, №531 пешбинишуда дар як шабонарӯз;

в) дигар хизматчиёни давлатии мақомоти идораи давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ва дигар корхонаҳо аз рӯи хароҷоти воқеъӣ, вале на зиёда аз меъёри пардохти дар замимаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008, №531 пешбинишуда дар як шабонарӯз.

39. Ҳисоб барои кирояи манзили зист бояд бо квитансияҳои пардохти он ё қайдҳои дахлдор, ки пардохти онро тасдиқ менамоянд, асоснок карда шуда бошад.

40. Дигар хизматҳое, ки ба ҳисоби кирояи манзили зист дохил карда шудаанд (ба истиснои наҳорӣ), пардохт карда намешаванд.

41. Хароҷоти кирояи манзили зист дар сурати набудани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда бинобар гум шудани онҳо дар ҳаҷми 50 фоизи меъёри муқаррааргардида ҷуброн карда мешавад.

42. Хароҷоти шабонарӯзӣ барои ҳар рӯзи дар сафари хизматӣ будан дар кишварҳои хориҷӣ дар ҳаҷми зерин пардохт мешавад:

- ба шахсони ба сафари хизматӣ рафта, ки дар банди 38 зербанди «а» ва «б» дастурамали мазкур зикр ёфтаанд, дар ҳаҷми 65 доллари ШМА ва барои хароҷоти ғайричашмдошт 20 фоизи меъёри харҷи шабонарӯзӣ, зербанди «в» – 55 доллари ШМА сурат мегирад;

- дар мавридҳои ҷудогонаи вобаста ба сафарҳои ҳайатҳои давлатӣ ва Ҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои хориҷӣ бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавонанд меъёрҳои дигари пардохти хароҷот муқаррар карда шаванд;

- пардохти хизмати алоқа (телефон,факс,почта), ки бевосита бо кор вобаста аст, аз рӯи ҳуҷҷатҳои воқеии пешниҳодшуда сурат мегирад.

43. Хароҷоти роҳкиро дар кишварҳои хориҷӣ мутобиқи ҳуҷҷатҳои воқеии пешниҳодшудаи роҳкиро бо назардошти супориши пешаки барои шахсони ба сафари хизматӣ рафта, ки дар банди 38 зербанди «а» дастурамали мазкур зикр ёфтаанд, бо класси якум ё бизнес-класс, зербанди «б» бо бизнес-класс ва зербанди «в» бо класси иқтисодӣ пардохт карда мешаванд. Хизмати толорҳои ҳайатҳои вакилони расми (VIP) – хароҷоти хизматрасонии пулакӣ дар фурудгоҳ барои категорияҳои шахсони ба сафари хизматӣ рафта, ки дар банди 38 зербандҳои «а» ва «б» зикр ёфтаанд, пардохт карда мешавад.

44. Хароҷоти нақлиёт дар дохили кишвари буду бош барои ҳайатҳои расмии ҳукуматӣ ва парлумонӣ ва гурӯҳи кори оид ба тайёр кардани сафарҳои расмии шахсони якуми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ҳуҷҷатҳои воқеии пешниҳодшуда пардохт карда мешавад.

45. Давомнокии сафари хизматӣ ба хориҷи ҷумҳурӣ бо мӯҳлате, ки дар амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст, муайян карда мешавад. Дар

мавриди аз мӯҳлати муқarраргардида зиёдтар давом кардани сафари хизматӣ, хароҷоти иловагӣ бо иҷозати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт карда мешавад.

46. Пардохти хароҷоти сафари хизматӣ дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хизматчиёни давлатии мақомоти идораи давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ва корхонаҳо чунин муқаррар карда шудааст:

- барои шахсони дар зербандҳои «а» ва «б» банди 38 дастурамали мазкур зикрёфта дар шаҳри Душанбе дар ҳаҷми то 200 сомонӣ, дар маркази вилоятҳо ва шаҳрҳои Чкаловск, Исфара, Истаравшан, Панҷакенти вилояти Суғд, шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон ва шаҳри Турсунзода то 150 сомонӣ, дар маркази дигар шаҳру ноҳияҳо то 100 сомонӣ дар як шабонарӯз;

- барои шахсони дар зербанди «в» зикргардида дар шаҳри Душанбе то 120 сомонӣ, дар маркази вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо то 80 сомонӣ дар як шабонарӯз;

- дар дигар маҳалҳои аҳолинишин барои ҳамаи шахсони дар сафари хизматӣ буда то 40 сомонӣ дар як шабонарӯз;

- ҳамчунин хароҷот барои истифодаи рахти хоб дар қаторахо бо чиптаҳои (квитансияҳои) пешниҳодшуда ҷуброн карда мешавад.

- дар сурати набудани ҳуҷҷати пардохт хароҷоти кирояи манзилгоҳ 50 фоизи меъёри муқарраргардида пардохт карда мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки ба кормандон манзилгоҳи бепул дода мешавад.

47. Барои харҷи шабонарӯзӣ ҳангоми сафари хизматӣ дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе, маркази вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ба шахсони дар зербандҳои «а» ва «б» банди 38 дастурамали мазкур зикргардида дар ҳаҷми 50 сомонӣ, зербанди «в» 40 сомонӣ, дигар маҳалҳои аҳолинишин 30 сомонӣ пардохт карда мешавад.

48. Ба шахсони ба сафари хизматӣ рафта маблағи хароҷоти шабонарӯзӣ ва кирояи манзилгоҳ дар сурате пардохта мешавад, агар ҷои сафари хизматӣ аз ҷои кори доимӣ дар масофаи бештар аз 30 километр вокеъ шуда бошад. Пардохти роҳпулӣ аз рӯи варақаи сайр бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда аз рӯи варақаи сафари хизматӣ сурат мегирад.

49. Ба шунавандагони шаҳрҳои дигар, ки берун аз кор барои таҳсил дар курсҳои такмили ихтисос ба хориҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода мешаванд, маблағи харҷи шабонарӯзӣ дар ҳаҷми 55 доллари ИМА ва дар дохили ҷумҳурӣ дар давоми то як моҳ барои ҳар рӯз 30 сомонӣ пардохт карда мешавад.

50. Пардохти роҳкиро дар кишварҳои хориҷӣ ва дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи тасдиқкунанда

сурат мегирад. Дар ҳолати набудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда, хароҷоти роҳкиро ба андозаи 50 фоизи меъёри муқарраргардида пардохт карда мешавад. Ба ҷуброни хароҷот арзиши фармоиши пешакии чиптаҳои роҳ ва ҷой дар меҳмонхона дохил мешавад. Ба корманди ба сафари хизматӣ рафта хароҷоти роҳкиро дар нақлиёти автомобилӣ (ғайр аз такси) то истгоҳи роҳи оҳан, бандар ва фурудгоҳ пардохта мешавад, агар онҳо берун аз ҳудуди маҳаллӣ аҳолишин воқеъ гардида, ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда мавҷуд бошанд.

51. Ба роҳбарон, мутахассисон ва коргароне, ки барои иҷрои корҳои насбу васлкунӣ, танзимгарӣ ва сохтмонӣ ба сафари хизматӣ фиристода мешаванд, ҳангоми иштирок дар корҳои истеҳсолӣ ба ҷои хароҷоти шабонарӯзӣ илова ба музди меҳнаташон дар маркази вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо на бештар аз 40 сомонӣ ва дар дигар нуқтаҳои аҳолинишин 30 сомонӣ барои ҳар як рӯзи дар сафари хизматӣ буданашон пардохт карда мешавад, инчунин:

- андозаи изофапулӣ, ки барои иҷрои корҳои характери сайёрӣ, вахтавӣ шароити саҳроӣ дошта дода мешавад, дар ҳамаи ҳолатҳо дар як рӯз аз 30 сомонӣ камтар буда наметавонад;

- мӯҳлати сафари хизматии роҳбарон, мутахассисон ва коргарон, ки барои иҷрои корҳои насбу васлкунӣ, танзимгарӣ ва сохтмонӣ фиристода шудаанд, набояд аз як сол зиёд бошад;

- агар корманд барои иҷрои корҳои насбу васлкунӣ, танзимгарӣ ва сохтмонӣ ба мӯҳлати бештар аз ду моҳ ба сафари хизматӣ фиристода шуда, аммо бо фармони маъмурият ба ҷои кори доимӣ барвақтар аз ду моҳ баргашта омада бошад, ба ӯ барои вақти дар ҷои сафари хизматӣ буданаш дар асоси умумӣ маблағи сафари хизматӣ пардохт карда мешавад.

52. Агар баъди ба охир расидани мӯҳлати сафари хизматӣ корфармо зарур шуморад, ки корманд бо розигии худаш нигоҳ дошта, ба ҷои иҷрои корҳои насбу васлкунӣ, танзимгарӣ ва сохтмонӣ ба кори доимӣ гузаронидани ӯ бо тартиби муқарраршӣ ба расмият даровaрда шавад, ба вай ҷубронпулӣ бо тартиби пешбиникардаи қонунгузории амалкунанда имтиёзҳо дода мешаванд.

53. Иловапулӣ ба ивази хароҷоти шабонарӯзӣ барои ҳар рӯзи тақвимии дар кори насбу васлкунӣ, танзимгарӣ ва сохтмонӣ будани корманд пардохт карда мешавад.

54. Иловапулӣ ба ивази хароҷоти шабонарӯзӣ дар вақти иҷрои корҳои насбу васлкунӣ, танзимгарӣ ва сохтмонӣ ба инҳо пардохт карда намешавад:

- ба кормандоне, ки дар ҷойҳои иҷрои корҳои насбу васлкунӣ, танзимгарӣ ва сохтмонӣ қабул шудаанд;

- ба кормандоне, ки ба корҳои насбу васлкунӣ, танзимгарӣ ва сохтмонӣ бо тартиби гузарондан ба ҷои дигар тибқи шартҳои пешбиникардаи қонунгузории амалкунанда фиристода шудаанд;

- ба кормандон ҳангоми дар рухсатӣ будан, инчунин барои рӯзҳои набаромадан ба кор бе сабабҳои узрнок;

- ба кормандон дар вақти иҷро намудани вазифаҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ берун аз ҷои иҷрои корҳои насбу васлкунӣ, танзимгарӣ ва сохтмонӣ;

- ба кормандоне, ки барои назорат ба иҷрои корҳои насбу васлкунӣ, танзимгарӣ ва сохтмонӣ ба сафари хизматӣ фиристода шудаанд.

55. Ба заноне, ки барои иҷрои корҳои насбу васлкунӣ, танзимгарӣ ва сохтмонӣ ба сафари хизматӣ фиристода шудаанд, дар рӯхсатии ҳомиладорӣ ва таваллуди кӯдак мебошанд, барои вақте, ки ба онҳо варақаи беморӣ дода шудааст, бо тартиби муқарраршуда иловапулӣ дода мешавад.

56. Дар ҳолатҳое, ки коргари бемор ё зани коргари дар рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуди кӯдак буда берун аз ҷои иҷрои корҳои насбу васлкунӣ, танзимгарӣ ва сохтмонӣ зиндаги мекунад, ба онҳо иловапулӣ дода намешавад.

57. Иловапулӣ ба ивази хароҷоти шабонарӯзӣ ба кормандони зерин пардохт карда мешавад:

- ба онҳое, ки корро бо усули вахтагӣ иҷро менамоянд, барои ҳар рӯзи дар ҷойҳои иҷрои кор будан дар давраи вахта, инчунин барои рӯзҳои воқеии дар роҳ будан аз ҷои воқеъшудаи корхона (маҳалли ҷамъомад) то ҷои кор ва баръакс;

- ба шахсоне, ки барои иҷрои корҳои насбу васлкунӣ, танзимгарӣ ва сохтмонӣ, инчунин иҷрои корҳои дорои хусусиятҳои рафту омад ё сайёр ба сафари хизматӣ фиристода шудаанд барои рӯзҳои тақвимии дар роҳ, сафари хизматӣ, объектҳои алоҳида будан.

58. Иловапулӣ барои иҷрои корҳои характери сайёр дошта дар ҳолатҳое, ки рафту омади сафар дар вақти ғайрикори аз ҷои воқеъшудаи корхона ва ташкилот ё маҳалли ҷамъомад то ҷои кор дар объект ва баръакс дар як рӯз на камтар аз се соатро ташкил медиҳад, дар ҳаҷми 20 фоиз, на камтар аз 2 соат – 15 фоизи маблағи харҷи шабонарӯзӣ, ки барои пардохти сафарҳои хизматӣ муқаррар гардидааст, пардохт карда мешавад.

Қолаби мақомот,
муассиса, ташкилот,
корхона
аз «____» ___________ соли 20___

№____

**ШАҲОДАТНОМАИ САФАРӢ**

Додашуд ______________________________________________________
(насаб, ном ваномипадар, вазифа)
________________________________________________________________
(номгӯимақомот, муассиса, ташкилотвакорхонаишаҳодатномарододааст)
сафари хизматӣба _____________________________________________
(маҳали таъинот, номгӯи мақомот, муассиса,
________________________________________________________________
ташкилотвакорхона)
мӯҳлатисафар «____» рӯз аз «____» __________ 20___

то «____» __________ 20___

________________________________________________________________
(мақсади сафари хизматӣ)
Асос: Фармон (амр) № «___» ____________ соли 20___

Хуҷҷатитасдиққунанда № _________________________
(шаҳодатнома, шиноснома)
Имзоироҳбар
______________________________
(мақомот, муассиса, ташкилотвакорхона)

мӯҳр

*Дар тарафидигаришаҳодатнома*

Қайд аз омадурафтимаҳаллитаъиншуда

| | |
|---|---|
| Омад ба ____________ | Рафт аз _____________ |
| «____» ___________ соли 20___ | «____» __________соли 20___ |
| мӯҳримзо ______ | мӯҳримзо _______ |
| Омад ба ____________ | Рафт аз _____________ |
| «____» ___________ соли 20___ | «____» __________соли 20___ |
| мӯҳримзо ______ | мӯҳримзо _______ |

Эзоҳ: ҳангомисафарҳармаҳалалоҳидабақайдгирифтамешавад.